Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қодирзода Диловар Бахриддин ба диссертатсияи Давлатов Сорбон Назримадович дар мавзӯи «Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05- иқисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент, пешниҳод шудааст.

## 1. Муҳимияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Давлатов Сорбон Назримадович дар мавзӯи «Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», мутобиқ ба талаботи дурнамои рушди ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон ба иҷро расидааст. Дар шароити рушди босуръат ва зудтағйирёбандаи иқтисоди бозории ҷаҳонӣ аз ҳар як субъекти ҷамъиятӣ бахусус одамоне, ки идоракунандаи асосии он ба ҳисоб мераванд, дониши касбии даркнамой, созандагии фаъолияти мақсаднок, самаранок истифодабарии захираҳои маҳдуди иқтисодӣ ва зиндагии арзандаро талаб менамояд. Савияи дониши инсон ҳамеша ва дар ҳама гуна фаъолият нақши калидӣ дошта, асоси рушд ва инкишофёбии ҷомеаи имрӯза, махсусан дар соҳаи менеҷмент гашта истодааст. Дар шароити имрӯза фаъолияти инсон дар асоси мақсадгузориҳои стратегӣ, нақшаи чорабиниҳои пешакӣ барномарезишуда, ки самараи беҳтар медиҳад, ба роҳ монда мешавад.

Дар ҳақиқат захираҳои инсонӣ дар корхонаю ширкатҳо на танҳо объектро идора менамоянд, балки омили муайянкунанда ва қувваи пешбарандаи фаъолияти асосии онҳо дониста мешавад. Ин гуна ӯҳдадориҳои функсионалӣ-вазифавӣ тақозо мекунанд, ки кормандон на танҳо бояд соҳиби донишҳои қаблан ҳосилшуда бошанд, балки дар бораи намудҳои молу маҳсулот, хизматрасониҳову технологияҳои ба истеъмолкунандаҳо пешниҳодшаванда тасаввуроти пешакӣ ва донишҳои касбӣ дошта бошанд.

Дар шароити муосир ба таври дақиқ идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун интиқолдиҳандаи донишҳои замонавӣ ва самаранок истифода бурдани захираҳои муҳими иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста шуда истодааст. Аз ин нуқтаи назар муҳимияти мавзӯи таҳқиқшаванда муайян аст ва он хеле саривақтӣ мебошад.

**1. Дарачаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳодҳо, ки дар диссертатсия омадаанд.**

Идоракунии захираҳои инсонӣ ва сармоягузорӣ ба ин захираи нодири иқтисодӣ, ки ҷаҳони имрӯзаро такон дода истодааст, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар баробари ин, қайд намудан бамаврид аст, ки муаммоҳои ҳалношуда дар муайянсозии нақш ва аҳаммияти идоракунии сармоягузорӣ ба захираҳои инсонии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан дар шароити зудтағйирёбандаи рушди иқтисодиёти муосир вуҷуд доранд. Дар таҳқиқоти мазкур нақши захираҳои инсонӣ дар рушд ва инкишофдиҳии иқтисодиёти имрӯзаи ҷумҳурӣ, роҳҳои ҳалли муаммоҳои ҷойдошта ва мукаммалгардонии он дар сатҳи ҷумҳурӣ, ба воситаи коркарди механизмҳои ташаккулдиҳанда ва инкишофдиҳандаи захираҳои инсонӣ дар бозори меҳнат ва самаранокии таҳлили вазъи вуҷуддошта дар ҳудуди ҷумҳурӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Заминаи методологӣ ва назариявии диссертатсияро таҳқиқотҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаи рушд ва мукаммалгардонии идоракунии захираҳои инсонӣ ташкил медиҳад. Маводи тадқиқгардида, маълум менамояд, ки он дорои вазифаҳои муайяни истифодабарии захираҳои инсонӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ мебошад.

Ҳадафи диссертатсия бошад ин таҳлили назариявии рушди идоранамоии захираҳои инсонӣ, нақшу аҳаммияти он дар рушд ва инкишофёбии иқтисодиёт, арзёбии вазъи муосир ва таҳияи чорабиниҳо оид ба мукаммалгардонии механизмҳои ташаккулёбӣ ва инкишофи сармояи инсонӣ дар шароити тағйирёбандаи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**2. Саҳеҳӣ ва навгонии таҳқиқот ва натиҷаҳои гирифташуда.**

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи аниқ ва мақсадноки сарчашмаҳои оморӣ оид ба мушкилоти таҳқиқшаванда, иттилооти истифодашуда тасдиқ гардида, ба унвонҷӯ имконият додааст, ки таҳлили амиқи коркард ва идоракунии сармояи инсониро дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намояд.

Навгониҳо ва дастовардҳои илмии нисбатан муҳимме, ки муаллиф мустақиман ба онҳо ноил гардидааст ва онҳоро ба ҳимоя пешниҳод кардааст, аз нуктаҳои зерин иборатанд:

- вазъи ҳозираи таҳсилоти касбӣ дар миқёси ҷумҳурӣ муайян гардида, таҳсилоти бефосилаи касбӣ ҳамчун яке аз роҳҳои асосии ноил гаштан ба мақсад дониста шуд ва дар оянда аз ин роҳ самаранок истифода намудан пешниҳод карда шуд;

- муқаррар карда шуд, ки даромаднокии аҳолӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ сол аз сол рушд ва инкишоф ёфта истода, барои боз ҳам беҳбуд бахшидан ба сармоягузории захираи инсонӣ моро

зарур аст, маблағҳои заруриро ҷудо карда, мутахассисониояндаро мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат омода намоем;

- механизми рушди унсурҳои ташкилдиҳандаи сармояи инсонӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт таҳия ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудааст, ки ин унсурҳо доиман дар мади назар буда, сармоягузориҳо ба ин захираи нодири иқтисодӣ бояд рушд ва такмил дода шавад ва ғ.

Дар боби якуми диссертатсия унвонҷӯ оид ба «Асосҳои назариявӣ-консептуалии идоракунии рушди сармояи инсонӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт» тадқиқот намуда, масъалаҳои ташаккулёбии назарияи идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт; нақши сармояи инсонӣ дар рушди идоранамоии иқтисодиёти муосир; таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба омӯзиш ва идоранамоии сармояи инсонӣ дар шароити ҷаҳонишавиро шарҳ додааст (с. 13-61).

Дар диссертатсия дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои гуногун асоснок карда шудааст, ки идоракунии захираҳои инсонӣ, бахусус сармояи донишҳо дар замони муосир ду навъи вазифаҳоро назди ташкилотҳо мегузорад: тактикӣ, ки ба ташаккули донишҳои касбии ҷавобгӯйи талаботи истеъмолкунандагон равона гаштаанд ва стратегӣ, ки вобаста ба рушд ва татбиқи стратегияҳо барои рушд ва инкишофёбии захираҳои инсонӣ мусоидат менамоянд.

Муаллиф қайд менамояд, ки аксари иқтисодчиён дар бораи консепсияи идоракунии сармояи инсонӣ назарияҳои навини худро пешниҳод намуда, кӯшиш кардаанд, ки аввалин заҳматҳоро барои муайян кардани самаранок истифодабарии сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодиёт нишон диҳанд. Онҳо воситаҳо ва усулҳои гуногуни иқтисодӣ, математикӣ, оморӣ ва дигар усулҳоро истифода карда, арзиши сармояи инсонӣ, таъсири системаи миллии маориф дар рушди иқтисодии кишвар, хароҷоти оилавӣ вобаста ба баланд бардоштани арзиши сармоявии иқтисодии шахс, ташаккул ва истифодаи хароҷоти давлатӣ ва дигар арзишҳоро, ки барои тарбия ва таълими касбии аҳолӣ ва ташаккули сармояи инсонӣ заруранд, муайян менамоянд.

Гарчанде оид ба мафҳуми «сармояи инсонӣ» то имрӯз баҳсҳо идома доранд, баъзе аз иқтисодшиносон сармояи инсониро ҳамчун омили интенсивии истеҳсолии рушди иқтисодӣ, рушди ҷомеа, оила, корхона ва давлат меноманд. Сармояи инсонӣ дар худ донишҳои касбӣ, нерӯи зеҳнӣ-эҷодӣ, ҳунарӣ доштаро ба бар гирифта, дар муҳити фаъолиятҳои касбию ҳунарӣ барои таъмини вазифаиҷрокунии ҳар як шахсият имкон медиҳад.

Ҳамин тавр, аз ҷониби муаллиф оид ба консепсияи «Сармояи инсонӣ» таҳлили ҳамаҷониба сурат гирифта, моҳияти он мувофиқ ба дарк ва фаҳмишаш чунин шарҳ дода шудааст: «Сармояи инсонӣ - ин маҷмӯи қобилиятҳои модарзодӣ, ҷамъи донишҳои азхудкардашуда, дороии саломатию зиндагии дараҷаи олӣ, таҷрибаи баланди касбӣ, ҳавасмандӣ ба фаъолият ва ҳисси баланди масъулиятшиносӣ барои мақсадгузориҳои муфид ва ба даст овардани фоида фаҳмида мешавад» (с. 25). Инчунин фаҳмиши «ташаккулёбии сармояи инсонӣ», «нақш ва аҳаммияти сармояи инсонӣ», «мақсаднокии равандҳои ташаккулдиҳии сармояи инсонӣ», «механизмҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ташаккулдиҳии сармояи инсонӣ» ва дигар масъалаҳое, ки ба ин мафҳум вобастагии зиёд доранд, ба хусус идоранамоии он, бе дарки ин мафҳум ҳеҷ аҳаммияте надоранд.

Ба андешаи муаллиф, болоравии нақши захираҳои инсонӣ дар идоранамоии иқтисодиёти навин чорабиниҳои ҳамаҷонибаи давлатро нисбати сиёсати кадрӣ дигар намуда, дар ҳама соҳа талаботи махсуси худро мегузорад. Ҳамзамон, самараи асосии иқтисодиёти инноватсионӣ истеҳсол кардани маҳсулоти нав дар асоси донишҳо ва ташкили роҳҳои навини камхароҷот, ки дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт истифода бурда мешавад, ба шумор меравад.

Муаллиф дар диссертатсия аз таҷрибаи давлатҳои тараққикарда ба монанди: ИМА, Ҷопон, Олмон, Чин, Кореяи Ҷанубӣ ва ғайра истифода намуда, қайд кардааст, ки идоракунии сармояи инсонӣ дар ин давлатҳо пайваста ба рушди технологияи инноватсионии электронӣ ва равоншиносии функсионалии касбӣ нигаронида шудааст ва кормандон бояд ҳатман имкони ҳамгироиро дар ин равиши системавӣ дошта, самаранок фаъолият карда тавонанд. Ҳамчунин дар сохтори сарвати миллии ин кишварҳо, захираҳои инсонӣ аз захираҳои табиӣ зиёдтар истифода карда мешаванд, ки ин аҳаммияти сармояи инсониро дар сохтори сарвати миллии кишварҳои рушдёфта тасдиқ мекунад. Аз рӯйи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ маълум мегардад, ки дар бештари ин давлатҳо қисми зиёди сармоягузорӣ ба захираҳои инсонӣ рост меояд (с. 42-61).

Боби дуюми диссертатсия «Таҳлили вазъи маълумотгирии касбӣ, ҳолати бозори меҳнат, сатҳи даромаднокӣ ва дараҷаи зисти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» унвон гирифта, он аз баррасии масъалаҳои вазъи маълумотгирии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили рушди идоракунии сармояи инсонӣ, таҳлили ҳолати бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт ва таҳлили сатҳи даромаднокию дараҷаи зисти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун

сарчашмаи асосии инкишофи сармояи инсонӣ иборат мебошад (с. 62-103).

Аз таҳлилҳои муаллиф бармеояд ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи донишгоҳҳо рӯз аз рӯз зиёд гардида, дар солҳои 2018-2019-ум ба 39 донишгоҳ расидааст, ки нисбат ба солҳои аввали истиқлолият 3 маротиба зиёд аст.

Муаллифи диссертатсия шумораи аҳолии шуғлдоштаро дар ду бахши бузурги иқтисодӣ - бахши воқеӣ ва бахши хизматрасонӣ таҳлил намуда, қайд менамояд, ки афзоиши шумораи шуғлмандон дар соли 2018-ум нисбати соли 2011-ум зиёд гардида бошад ҳам, вале аз рӯйи фоизи шуғлмандӣ дар соли 2018-ум бахши хизматрасонӣ 4,6 фоиз нисбати бахши воқеӣ зиёд гардидааст.

Дар боби сеюми диссертатсия муаллиф «Роҳҳои мукаммалгардонӣ ва инкишофдиҳии менеҷменти сармояи инсонӣ дар шароити рушди зудтағйирёбандаи иқтисодиёт»-ро таҳқиқ намуда, таълимгирии бефосилаи касбӣ ҳамчун асоси рушд ва инкишофёбии сармояи инсонӣ дар менеҷменти муосири касбӣ; равандҳои ташаккулдиҳии сармояи инсонӣ ҳамчун омили асосии рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ ва механизми рушди унсурҳои ташкилдиҳандаи менеҷменти сармояи инсонӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиётро баррасӣ намудааст (с. 104-149).

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки дар шароити иқтисодиёти муосир корфармо ҳолати бозори истеъмолии аҳолиро хуб омӯхта, эҳтиёҷоти аввалиндараҷаи онҳоро аз худ менамояд ва мувофиқ ба онҳо мол ва маҳсулот истеҳсол намуда, талаботи онҳоро қонеъ менамояд. Ин қонеънамоиро корфармо ба воситаи беҳтарин мутахассисе, ки дорои дониши баланди касбӣ мебошад, иҷро менамояд.

Дар мадди аввал ҷой гирифтани захираҳои инсонӣ ва таваҷҷуҳнамоӣ ба рушд ва инкишофёбии сармояи инсонӣ дар ҷумҳурӣ боис бар он гаштааст, ки яке аз ҳадафҳои асосии Стратегияи миллии рушд ба ин мавзӯи муҳим бахшида шудааст. Чуноне ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ишора гардидааст, вазифаи нав кам намудани таъсири хатарҳои беруна ба иқтисодиёти миллӣ, ҷустуҷӯ ва коркарди механизмҳои самаранок баҳри мақсаднок истифодабарии захираҳои дохилӣ барои рушди минтақаҳои ҷумҳурӣ, ки дар асоси ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ ва дастгирии муҳити соҳибкорӣ қабул карда шудааст, ба шумор меравад.

Дар амал ҷорӣ намудани он маълумоту донишҳое, ки инсон дар рафти омӯзиш, таҳлилнамоӣ ва таҷрибаомӯзии таълимию истеҳсолӣ аз

худ намудааст, ба инсон рӯҳияи нав бахшида, ӯро ба эҷоду навовариҳо дар фаъолияти касбӣ-тахассусӣ водор менамояд.

**3. Муҳиммияти хулосаву пешниҳодҳо ва имконияти истифодаи онҳо дар илм ва амалия.**

Муқарарот ва хулосаҳои асосии диссертатсия, ки дар шакли тавсияҳои мушаххас таҳия гардидаанд, метавонанд аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои қабули қарорҳо дар бахши идоракунии сармояи инсонӣ бо мақсади рушди устувори иқтисодиёти миллӣ истифода карда шаванд.

Муқарароти илмӣ ва методие, ки дар диссертатсия асоснок карда шудаанд, дар раванди таълими фанҳои "Менеҷмент", "Иқтисодиёти меҳнат", "Идоракунии захираҳои инсонӣ" ва "Бозори меҳнат" барои донишҷӯёни мактабҳои олии Ҷумхурии Тоҷикистон метавон истифода бурд.

**4. Арзёбии моҳияти диссертатсия, сатҳи комилии он, эродҳо доир ба шаклгирии диссертатсия.**

Новобаста аз он, ки диссертатсия дорои сифати илмӣ буда, татқиқот анҷомёфта мебошад, аммо аз нигоҳи мо дорои як қатор носаҳеҳиҳо ва ё эродҳо мебошад, ба монанди:

1. Муаллиф дар боби аввал (зербоби 1.1.) таҳқиқотро аз омӯзиши назарияҳои олимон ва муҳаққиқони соҳаи иқтисод оғоз намудаст, вале мутассифона бештари онҳоро олимони хориҷӣ ташкил менамоянд ва аз ақидаҳои олимон ва муҳаққиқони ватанӣ камтар истифода шудааст;

2. Муаллифи диссертатсия дар бораи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба самаранок истифодабарии сармояи инсонӣ таҷрибаи бисёр давлатҳоро омӯхтааст, вале пешниҳод накардааст, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон кадоме аз ин таҷрибаҳо самаранок хоҳад буд;

3. Ба назари мо дар диссертатсия таҳлилҳои зиёд анҷом дода шудааст, ки ҳамаи онҳо яке аз пахлуҳои асосии сармояи инсонӣ дониста мешаванд, вале на ҳама омилҳои ба самаранокии идоракунии сармояи инсонӣ, аз ҷумла, таъсири муҳоҷирати меҳнатии аҳолии қобили меҳнат таҳлилу барасӣ шудаанд;

4. Баъзе муқарароти назариявии зербобҳои 3.1. ва 3.2. мазмунан гузоришҳои назариявии боби 1-ро такрор менамоянд;

5. Ба назари мо дар зербоби 3.3. муаллиф пахлуҳои асосии сармояи инсониро хуб шарҳу эзоҳ додааст, вале ба механизми рушди унсурҳои ташкилдиҳандаи менеҷменти сармояи инсониро камтар аҳамият дода шудааст;

6. Дар матни диссертатсияи илмӣ як қатор хатогиҳои имлоӣ, ки бо ислоҳотҳои забони давлатӣ мутобиқ нестанд, вомехуранд.

Аммо эроду дархостҳое, ки дар боло зикр шудаанд, сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Давлатов Сорбон Назримадовичро коҳиш намедиҳад. Дар маҷмӯъ диссертатсия таҳқиқоти ҷиддии илмӣ буда, мустақилияти муаллифро дар пажӯҳиш ва роҳҳои самаранок идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандагии рушди ҷаҳонишавии иқтисодӣ тавсиф менамояд.

**5. Мутобиқат ба соҳаи таҳқиқот.** Мавзӯи диссертатсия тибқи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи самти ихтисоси 08.00.05-Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент иҷро гардидааст: 10.19-Ҳайати идоракунӣ: нақш ва мақоми онҳо дар низоми идоракунӣ. Ташаккул, омодасозӣ ва инкишофи кадрҳои идоракунӣ. Идоракунии карера ва пешравии касбӣ-вазифавии кадрҳо. Усулҳои ҳавасмандгардонии менеҷеро-ни зинаи олӣ; 10.20-Идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун шакли махсуси фаъолияти касбӣ: мақсад, принсипҳо, таҳаввулоти нигаришҳо. Моҳияти вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии идоракунии ҳайати корхонаҳо ва ташкилотҳо. Салоҳиятнокии ҳайат ва салоҳиятнокии ташкилот. Сиёсати кадрӣ: таҳия ва татбиқ. Инноватсия ва ташкили фаъолияти меҳнатӣ ва идоракунии ҳайат. Ташкил ва амалисозии корҳо оид ба идоракунии ҳайат.

**6. Тасдиқи ифодаи натиҷаҳои татқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.**

Асарҳои интишоршудаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос намудаанд. Аз рӯи мавзӯи диссертатсионӣ 15 мақола бо ҳаҷми умумии 5,1 ҷ.ч. чоп гардидааст, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия ба табъ расидаанд. Нуктаҳои муҳимми кори диссертатсионӣ дар якчанд конференсияҳои илмию назариявии байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ дар шакли маърӯза пешниҳод карда шудааст. Бештари мақолаҳои муаллифи диссертатсия дар солҳои 2014-2020, дар маводҳои конференсияҳои илмию амалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва дар дигар институтҳои илмӣ-таҳқиқоти рӯйи чоп омадаанд.

**7. Мутобиқати мазмуни автореферат бо мазмуни диссертатсия.**

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таткиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намудааст ва дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя бароварда мешавад ҷой гирифтааст.

Аз нигоҳи мазмуни илмӣ ва шакли баён диссертатсияи номзадӣ дар мавзӯи «Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», бешубҳа кори илмиву тахассусӣ буда, дар он ҳалли яке аз масъалаҳои муҳими иқтисодӣ, ки аҳамияти афзалиятнокро дар рушди иқтисодиёти ватанӣ доро буда, комилан ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст. Аз ин лиҳоз муаллифи он Давлатов Сорбон Назримадович сазовори дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05-иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент, мебошад.


Муқаризи расмӣ,
муовини вазири маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори
илмҳои иқтисодӣ, профессор Д.Б. Қодирзода

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734024,
ш. Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад 13 а,
Тел: (+992) 902-01-18-81
E-mail: dilovark@mail.ru


Имзои д.и.и, профессор Д.Б. Қодирзодаро
тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Вазорати маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Расулзода